# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



Марде, ки аз тарафи Худо фиристода шуда буд

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: E. Frischbutter; Sarah S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Рӯзе дар даруни маъбади Худо коҳини солхӯрдае, ки Закарё ном дошт, хушбӯӣ месӯзонд.  Дар берун одамон дуо мекарданд. Баногоҳ Закарё як қад парид.



Фариштаи Худо омада буд.  Ӯ гуфт: “Натарс.  Маро Худо фиристодааст.  Зани ту писаре таваллуд мекунад.  Ба вай Яҳё ном гузор.  Ӯ аз вақти таваллудаш аз Рӯҳулқудс пур мешавад ва одамони бисёрро назди Худо меорад”.



“Закарё, бо мо гап зан” — ҳайрон шуда мегуфтанд, мардум дар берун. Онҳо намедонистанд, ки фаришта Ҷаброил гуфтааст, ки Закарё то вақти таваллуди кӯдак гунг мешавад, зеро вай ба паёми Худо бовар накарда буд. Закарё хаёл карда буд, ки занаш барои таваллуд кардани кӯдак хеле пир аст.



Дар хона Закарё ҳар чизе ки фаришта ба ӯ гуфт, навишта фаҳмонд.  Зани вай Элишабаъ сахт ҳайрон шуд.  Онҳо ҳамеша барои кӯдак дуо мекарданд.  Оё ҳоло кӯдакдор мешаванд?





Дере нагузашта
Элишабаъ фаҳмид,
ки ҳомиладор
шудааст.  Ӯ ба Худо
шукр гуфт.  Рӯзе
Марям хеши
Элишабаъ ба
меҳмонӣ омад.
Марям низ
ҳомиладор буд.

Вақте ки Марям ба хона даромад, Элишабаъ ҳис кард, ки тифл дар шикамаш ҷунбид. Элишабаъ аз Рӯҳулқудс пур шуда буд. Ӯ медонист, ки кӯдаки Марям Худованд Исои Масеҳ хоҳад буд. Ин ду зан якҷоя хурсандона ба Худо шукр гуфтанд.



Чӣ хеле ки Худо ваъда дода буд, тифли Элишабаъ ба дунё омад. “Ӯро ба монанди падараш Закарё ном гузоред” — гуфтанд коҳинони дигар. Аммо Закарё фармони Худоро ба ёд оварда гуфт: “Не! Номи ӯ Яҳё аст”. Ҳангоме ки Закарё ин гапҳоро дар тахтачае навишт, аз нав ба гап даромада, Худоро ҳамду сано хонд.





Вақте ки Яҳё ба воя расид, вай ба монанди Илёс шуд. Илёс марди бузурги Худо буд. Яҳё ба одамон мегуфт, ки ба наздикӣ Масеҳ омаданӣ аст, то онҳоро баракат диҳад. Роҳбарони яҳудӣ Яҳёро бад медиданд. Чунки вай ба онҳо “Тавба кунед! Аз гуноҳ даст кашед!” мегуфт. Вале онҳо дар борai

гуноҳҳои худ шунидан намехостанд.

Баъзеҳо вайро Яҳёи Таъмиддиҳанда меномиданд. Зеро ӯ мардумро ҳамчун нишонаи он ки аз гуноҳҳояшон пушаймон шудаанд, дар об ғӯта медод. Рӯзе Исо барои таъмид гирифтан назди Яҳё омад. Яҳё “Ин Ту бояд маро таъмид диҳӣ” — гуфта норозигӣ кард. Аммо Исо “Бигзор чунин шавад” гуфт. Ҳамин тавр Яҳё Ӯро таъмид дод.



Баъди таъмид гирифтани Исо, Яҳё дид, ки Рӯҳулқудс мисли кабӯтар ба болои Исо фаромад.  Ин аломат аз тарафи Худо буд. Яҳё медонист, ки Исо Писари Худо аст. Яҳё Исоро Барраи Худо меномид, ки гуноҳи ин ҷаҳонро бар Худ мегирад.



Яҳё одамони бисёрро назди Худо меовард. Вале Ҳиродус — шоҳи бадкор Яҳёро ба зиндон андохт. Чунки Яҳё ба Ҳиродус гуфта буд, ки зани бародарашро гирифтан гуноҳ аст. Ҳиродус медонист, ки гапи Яҳё дуруст аст. Ӯ медонист, ки Яҳё хизматгори Худо, ростқор ва марди муқаддас аст. Вале аз гуноҳ даст кашидан намехост. Яҳё бошад, ҳатто агар вайро ба зиндон андозанд ҳам, бар зидди гуноҳ таълим додан мегирифт.



Ҳиродус дар рӯзи зодрӯзаш зиёфати калоне ташкил намуд. Духтари Ҳиродия барои вай рақс кард. Ин ба Ҳиродус маъқул шуд. “Ҳар чизе ки хоҳӣ, бароят медиҳам, Ҳатто нисфи мамлакатамро” — ваъда дод Ҳиродус.





“Чиро аз вай хоҳиш кунам” — ҳайрон шуд духтар. Модари бадкори духтар Ҳиродия, ки Яҳёро бад медид, ба духтараш ёд дод, ки чиро аз шоҳ талаб кунад. Ин хеле бад буд!

Сипас, духтар аз Ҳиродус талаб кард, ки сари Яҳёи Таъмиддиҳандаро дар табақ оварда ба ӯ диҳанд. Шоҳ аз гуфтаи худ пушаймон шуда буд, аммо ғурураш намегузошт, ки аз гапаш гардад. “Сари Яҳёро бурида, ба ин ҷо биёред” — фармон дод Ҳиродус. Ҷанговаронаш ба ӯ итоат намуданд.



Мутаассифона, дӯстони Яҳё ҷисми ин хизматгори далеру вафодори Худоро ба хок супориданд. Кори Яҳё барои Худо акнун ба охир расида буд. Шояд дӯстони ӯ медонистанд, ки Исо онҳоро дар ин мусибаташон тасалло дода метавонад.



# Марде, ки аз тарафи Худо фиристода шуда буд

Ҳикоя аз Каломи Худо

Марқус 6, Луқо 1, 3

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”.  Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16